**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**аз «30» 05 соли 2025 № 201/10 ш. Душанбе**

*Дар бораи баробарарзиш эътироф*
*кардани дипломи дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 5 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270)

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (04 №004161) аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Мурофиаи ҷиноятӣ; криминалистика, ҳуқуқи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, экспертизаи судӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 30 июни соли 2011, №174/1 ба Искандаров Зайниддин Ҳамидович дода шудааст, эътироф карда шуда, бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09-Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ баробарарзиш дониста шавад.
2. Мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат (Шарифзода Б.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории дипломи намунаи давлатии баробарарзишии дараҷаи илмии доктори илм чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ (Каримзода М.А.) вазифадор карда шавад, ки дар мӯҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2025, №6

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ